**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 05 апрели соли 2024, №35 ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев Муфаррах Мазоридинович, баромади аъзоёни шуро – мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р.; д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О.; д.и.и., дотсент Аминов И., аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Умаров Х. ва раиси шурои диссертатсионӣ Факеров Ҳ.Н., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фаќеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**05 апрели соли 2024.**